Ба Шурои диссертатсионии **6D.КОА-016**-и
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,
E-mail: olimov-1976@mail.ru,
rektortau31@mail.ru, www.tajagroun.tj)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Назарзода Алишер Сафар дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ дар самти рушди иҷтимоию иқтисодӣ, таъмини устувории макроиқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум, бунёди иншооти иҷтимоӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва фаъолгардонии иқтидорҳои мавҷуда ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, дар арсаи байналмилалӣ мавқеи хоса пайдо намуд.

Масъалаи танзими комплекси агросаноатӣ на танҳо дар натиҷаи рушди иқтисодӣ ва ислоҳоти макроиқтисодӣ, балки дар таъмин амнияти озӯқаворӣ ва шароити некуаҳолии мардум нақши калиди бозида, ҳамчун омилҳои асосии истеҳсолот, ки сатҳи рушди иқтисодӣ ва вазъи иҷтимоии аҳолиро муайян мекунад, баррасӣ мешавад.

Бояд қайд намуд, ки тайи солҳои аҳамияти хоса ба ин самт алалхусул охир пайваста дар баробари рушди соҳаи кишоварзӣ зиёд намудани ҳиссаи соҳаи саноат тадбирҳои пайваста андешида шуда истодааст, ки ин метавонад аз давраи ба маҳсулоти озуқавориро мутаносибан ва мувофиқи имконоти истеҳсолӣ ва коркард ба минтақаҳои алоҳида вогузор намуд, ки онҳо молу маҳсулоти гуногуни соҳаро истеҳсол намуда, робитаи устуворро миёни истеҳсолкунандагони

соҳаи кишоварзӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ ва хариду фурӯш барқарор созанд.

Муаллиф иброз намудааст, ки “Аз таъминоти муназзами мақомоти давлатӣ барои ташаккули истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва раҳоӣ ёфтани соҳаи хоҷагии қишлоқ аз бухрони иқтисодӣ, расидан ба имконияти таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ, рушди ояндаи соҳа вобастагӣ дошта, масоили озуқаворӣ бевосита ба сатҳи рушди он ва ташаккули бозори озуқаворӣ алоқамандии зич дорад. Ин гуфтаҳо мубрамияти мавзуъро нишон дода, мураккабӣ ва гуногунсоҳа будани масъалаи танзим ва роҳандозии минбаъдаи соҳаи кишоварзиро дар пояи таъминоти пайваста ва устувору хоссаи озуқаворӣ тасдиқ менамояд.

Дуруст ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо он муайян карда мешавад, ки муаллиф усулҳои мушаххаси илмиро дар ҷараёни кор истифода бурдааст, ки заминаи назариявӣ ва пояҳои бунёдии назарияҳои илмӣ иқтисодро нишон медиҳанд. Инчунин муқаррароти илмӣ ва тавсияҳои амалии кори диссертатсионӣ таҳияшуда имкон медиҳанд, ки дар сатҳи нисбатан илмӣ ва методӣ, муаммоҳои механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор ҳалли ҳамаҷонибаи худро ёбанд. Баъзе коркардҳои илмии натиҷагиришудаи диссертатсияро дар ҷараёни таълим ва таҳияи барнома ва стратегияҳои давлатӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дар баробари бартариятҳо дар автореферати диссертатсия, инчунин камбудию норасогӣ низ дида мешавад.

Муаллиф методикаҳои муосири омориро барои ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои “Механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор” дар автореферат истифода накардааст.

Эродҳои қайдшуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионии муаллифро коҳиш намедиҳад ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кор қайд карда шудаанд.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки автореферати диссертатсияи Назарзода А.С. дар мавзуи «Механизми ташкилӣ – иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

Муқарриз,
н.и.и., дотсенти кафедраи
иқтисодиёти корхонаҳо
ва соҳибкории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ: Фатҳуллозода А.Ф.

Суроға: 735360, Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб,
куч. С.Сафаров 16, бинои 3.
Тел: (+992 98) 801-9666; E-mail: kholiq8989@mail.ru

Имзои « Фатҳуллозода А.Ф.»-ро тасдиқ мекунам
Сардои Раёсати кадрҳо ва КМ,
ДДК ба номи А. Рӯдакӣ: Амиров Ф.